**ШАРТНОМА № ______**
**БАРОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИИ ПУЛАКӢ**

**ш. Душанбе** «25» июля соли 2024

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ», РЯМ: 0110028820 РМА: 010105317 суроғаи ҷойгиршавӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни х. 50/51, Шаҳодатнома дар бораи бакайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ №0268363 аз "27" октябри соли 2022, мақомоти бақайдгирии давлатӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе, Иҷозатнома (Литсензия) барои иҷро намудани фаъолияти тиббӣ аз "05" марти соли 2023, силсилаи ВТт таҳти № 0001503 (Ҳангоми расонидани ёрии аввалияи тиббӣ, аз ҷумла ёрии то тиббӣ, тиббӣ ва махсус, ёрии тиббӣ-санитарӣ чунин корҳо (хизматрасониҳо) ташкил ва гузаронида мешаванд: ҳангоми расонидани ёрии аввалияи то тиббии тиббӣ- санитарӣ дар шароити амбулаторӣ аз: анестезиология ва реаниматология, корҳои ҷарроҳӣ, ташкили кори ҳамширагӣ; ҳангоми расонидани ёрии аввалияи махсуси тиббӣ- санитарӣ дар шароити амбулаторӣ аз: анестезиология ва реаниматология, ташкили нигоҳдории тандурустӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ, офталмология; ҳангоми расонидани ёрии аввалияи махсуси тиббӣ-санитарӣ дар шароити статсионари рӯзона аз: анестезиология ва реаниматология, офталмология. Ҳангоми гузаронидани муоинаҳои тиббӣ, озмоишҳои тиббӣ ва экспертизаҳои тиббӣ чунин корҳо (хизматрасониҳо) ташкил ва гузаронида мешаванд: ҳангоми гузаронидани экспертизаҳои тиббӣ оид ба: экспертизаи сифати ёрии тиббӣ, экспертизаи корношоямии муваққатӣ) аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе дода шудааст, ки дар шахсияти Роҳбар Мавлони Рухшона Абдусаломовна, ки дар асоси «Оиннома» амал мекунад, минбаъд «Иҷрокунанда» номида мешавад, аз як тараф ва

______________________________________________________________,
(насаб, ном, номи падари бемор/фаромоишгар)

______________ соли таваллуд, силсилаи шиноснома ________ № __________ , дода шуд ______________,

______________________________________________________________

Истиқомат мекунад: ______________________________________________

______________________________________________________________

ки минбаъд «Фармоишгар» номида мешавад",

| **Ин қисм дар мавриде пур карда мешавад, ки агар Фармоишгар-шахси сеюм бошад:** |
|---|
| Ба манфиатҳои ______________________________________ шаҳрванд, |
| суроға: ______________________________________ |
| , минбаъд "Бемор" номида мешавад, амал мекунад. |

аз тарафи дигар, минбаъд дар матни шартнома дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешавад, шартномаи мазкурро дар бораи иҷро намудани корҳои зерин имзо намуданд.

**1. МАВЗУИ ШАРТНОМА**

1.1. Иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки ба Фармоишгар/Бемор бо таври пулакӣ хизматрасониҳои тиббӣ, ки ҷавобгӯи талаботи усулҳои ташхис, пешгирӣ ва табобати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудаанд, мувофиқи феҳристи намудҳои фаъолияти тиббӣ тибқи иҷозатномаи (литсензияи) Иҷрокунанда, мувофиқи нархномаҳои хизматрасониҳои пулакӣ (минбаъд –Нархнома) хизматирасониҳои тиббиро анҷом диҳад, Фармоишгар/Бемор уҳдадор мешавад, ки маблағи хизматрасониҳои тиббиро сари вақт, тибқи тартиб ва андозаи дар шартномаи мазкур ва замимаи он муқарраршуда, пардохт намояд.

1.2. Фармоишгар/Бемор тасдиқ мекунад, ки ҳангоми бастани шартномаи мазкур Иҷрокунанда вайро аз имкониятҳои гирифтани намудҳо ва ҳаҷми дахлдори ёрии тиббӣ бидуни ситонидани пардохт дар доираи кафолатҳои давлатии хизматрасониҳои тиббии ройгон ба шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дастрас огоҳ намудааст.

Фармоишгар/Бемор ба шартномаи мазкур имзо гузошта, барои ба вай расонидани хизматрасониҳои тиббии дар бандҳои 2.1.1. нишон додашуда, ба сурати пардохти маблағ ихтиёран розӣ шудааст.

1.4. Ба ман фаҳмонидаанд, ки метавонам яке аз намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ё якчанд намудаи хизматрасониҳоро бигирам.

1.5. Ҳангоми бастани шартнома барои Фармоишгар/Бемор дар шакли дастрас оид ба хизматрасониҳои тиббии пулакӣ, иттилоъ додаанд, ки маълумотҳои зеринро дар бар гирифтааст:

а) тартиби расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ва стандартҳои ёрии тиббӣ, ки ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббӣ истифода карда мешаванд;

б) маълумот дар бораи корманди мушаххаси тиббӣ, ки хизматрасонии пулакии марбутаро пешниҳод менамояд (таҳсилот ва тахассуси касбии вай);

в) маълумот дар бораи усулҳои расонидани хизматрасониҳои тиббӣ, хатарҳои ба онҳо алоқаманд, намудҳои имконпазири амалиётҳои тиббӣ, оқибатҳои онҳо ва натиҷаҳои интизорӣ аз расонидани ёрии тиббӣ;

г) дигар маълумотҳо, ки ба мавзӯи шартнома дахл доранд.

1.6.Муҳлати расонидани хизматрасониҳои тиббӣ аз "__" ___________ соли 202_ то "__" _________ соли 202__. Дар сурати тағйир ёфтани муҳлати хизматрасониҳои тиббӣ Тарафҳо созишномаи иловагиро имзо мекунанд, ки ҷузъи таркибии шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

1.7. То бастани шартнома Фармоишгар/Бемор огоҳонида шудааст, ки риоя накардани дастурҳо (тавсияҳои) Иҷрокунанда (корманди тиббӣ, ки хизматрасониҳои тиббии пулакиро пешниҳод мекунад), аз ҷумла реҷаи таъйиншудаи табобат, метавонад сифати хизматрасониҳои тиббии пулакии пешниҳодшударо коҳиш диҳад ва анҷом додани онро дар муҳлати пешбинишуда номумкин гардонад ва ё ба саломатии Истифодакунанда таъсири манфӣ расонад.

________________________________

(имзои Фармоишгар/Бемор)

**2. Ҳуқуқ ва уҳдадории Тарафҳо**

2.1. Иҷрокунанда уҳдадор мешавад:

2.1.1. Ба Фармоишгар/Бемор мувофиқи Замимаи №1, ки ҷузъи таркибии шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, хизматрасониҳои тиббии пулакиро пешниҳод намояд.

2.1.2. Хизматрасониҳои тиббиро босифат, бо истифода аз усулҳои муосири ташхис ва табобат, дар ҳаҷми пурра ва мувофиқи шартномаи мазкур пешниҳод кунад.
2.2. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:
2.2.1. Ҳангоми дар Фармоишгар/Бемор муайян намудани зиддинишондод барои гузаронидани табобат ва дигар чорабиниҳои ташхисӣ аз гузаронидани онҳо даст кашад.
2.2.2. Аз Фармоишгар/Бемор риоя кардани қоидаҳои зеринро талаб намояд:
- реҷаи истеъмоли препаратҳои доругиро;
- таъйинот ва тавсияҳои мутахассисонро;
- реҷаи табобатӣ- муҳофизаткуниро;
- қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи табобатиро;
- қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва бехатарии сӯхторро.
2.2.3. Истифода кардани натиҷаҳо, қайд кардани раванди табобат ва дигар маълумотҳо, барои намуна ҳангоми таълиф ва нашр кардани мақолаҳо дар маҷаллаҳои махсуси тиббӣ бидуни нишон додани маълумотҳо дар бораи Фармоишгар/Бемор, барои идентификатсияи (шиносоии) он кофӣ.
2.3. Фармоишгар/Бемор уҳдадор мешавад:
2.3.1. Хизматрасониҳои тиббиро мувофиқи Нархнома бо андоза ва ҳаҷми дар шартномаи мазкур муқарраршуда пардохт кунад.
2.3.2. Ба протседураи бароям таъйиншуда дақиқан дар вақти аз тарафи Иҷрокунанда нишон додашуда ҳозир шавад.
2.3.3. Ба табиб то оғоз шудани хизматрасониҳои тиббӣ маълумотҳои таҳқиқотҳои пешакӣ ва машваратҳое, ки дар дигар муассисаҳои тиббӣ (агар бошанд) анҷом дода шудаанд, пешниҳод намояд ва тамоми маълумотҳои дар бораи саломатияш маълум, аз ҷумла дар бораи аксуламалҳои аллергӣ ба доруворихо, дар бораи бемориҳо ва дигар омилҳое, ки метавонанд ба раванди муолиҷа таъсир расонанд, хабар диҳад.
2.3.4. Бо тартиб ва шароити пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббии пулакӣ мувофиқи шартномаи мазкур шинос шавад.
2.3.5. Тамоми дорухатҳо, таъйинот ва тавсияҳои мутахассисро, ки хизматрасониҳои тиббиро анҷом медиҳад, аз ҷумла риоя намудани дастурҳои барои давраи пас аз хизматрасонӣ таъйиншударо иҷро намояд.
2.3.6. Бо мутахассисҳо хизматрасониҳои тиббии пулакии пешниҳодшуда, истифода намудани ҳама гуна препаратҳои табобатӣ, доруҳо, гиёҳҳои шифоӣ, марҳамҳо ва ғайраро мувофиқа намояд.
2.3.7. Риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилии Иҷрокунанда, қоидаҳои рафтор, реҷаи кори Иҷрокунанда, реҷаи табобатӣ-муҳофизатӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва бехатарии сӯхтор.
2.3.8. Санадҳоеро, ки Иҷрокунанда пешниҳод намудааст, дар муддати ду рӯзи баъди гирифтан, баррасӣ намуда имзо гузорад.
2.4. Фармоишгар/Бемор ҳуқуқ дорад:
2.4.1. Хизматрасониҳои тиббиро мувофиқи талаботи ҳатмии тартиби хизматрасониҳои тиббӣ, стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки талаботи сифати расонидани ёрии тиббиро муқаррар мекунанд, бигирад
2.4.2. Дар шакли бароям дастрас оид ба ҳолати саломатии худ, аз ҷумла дар бораи натиҷаҳои таҳқиқотҳо, мавҷуд будани бемориҳо, ташхис ва пешгӯии он, усулҳои табобат ва маълумотҳои бо онҳо вобаста, вариантҳои имконпазири амалиётҳои тиббӣ, оқибатҳо ва натиҷаҳои табобати гузаронидашуда маълумот бигирад.
2.4.3. Аз Иҷрокунанда барои шинос шудан ҳама гуна маълумотҳои ба ҷараёни беморӣ алоқаманд, маълумотҳои таҳқиқотҳои фосилавӣ, натиҷаҳои таҳлилҳо, протоколҳои консилиумҳо ва ғайраро дархост намуда, гирад.
2.4.4. Мустақилона, пас аз мувофиқа намудан бо табиби муолиҷакунанда, маводи сарфшаванда ва доруворихоро дастрас намояд, ки барои сифати онҳо Иҷрокунанда масъул намебошад.

**3. Арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва тартиби пардохт кардан.**

3.1. Фармоишгар хизматрасониҳои тиббии пулакиро мувофиқи Замимаи №1 –и шартномаи мазкур пардохт мекунад.
3.2. Арзиши хизматрасонӣ тибқи Шартномаи мазкур дар асоси Нархномаи амалкунандаи Иҷрокунанда, мувофиқи ҳаҷми воқеии хизматрасониҳо пардохт карда мешавад.
3.3. Фармоишгар хизматрасониҳои тиббии пулакиро мувофиқи Нархномаи хизматрасониҳои тиббии Иҷрокунанда пардохт мекунад.
3.4. Фармоишгар хизматрасониҳои тиббиро дар шартҳои 100% пешпардохт менамояд.

**4. Масъулияти Тарафҳо**

4.1. Дар ҳолати ба истифодакунанда (Фармоишгар) пешниҳод намудани хизматрасонии бесифат, ё дар муҳлати номуносиб Иҷрокунанда мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулиятнок мебошад.
4.2. Фармоишгар/Бемор ҳуқуқ дорад, ки тибқи тартиботи муқарраршуда аз Иҷрокунанда ҷуброни зарари бо айби Иҷрокунанда ба Фармоишгар/Бемор расонидашударо талаб намояд. Дар бораи ҳолатҳои боқимонда, ки дар шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, масъулияти Тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.
4.3. Иҷрокунанда дар ҳолатҳои зерин барои сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда масъулиятнок нест:
- аризаҳои бо айби Бемор рухдода (иҷро накардани таъйиноти табиб, сари вақт хабар надодан аз хусуси пайдо шудани тағйиротҳо ва ихтилофҳои ҳолати саломатӣ);
- қатъ кардани табобат бо айби Фармоишгар / Бемор;
- ҳангоми аз тарафи Фармоишгар/Бемор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномаи мазкур.

**5. Махфият**

5.1. Тарафҳо оид ба риоя намудани реҷаи махфият нисбат ба маълумотҳое, ки ҳангоми иҷро намудани шартномаи мазкур ба даст оварда мешаванд, уҳдадории дутарафа мегиранд.

**6. Муҳлати эътибор ва шартҳои қатъ кардани шартнома**

6.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расонидани Тарафҳо эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуда, то лаҳзаи уҳдадориҳоро иҷро намудани Тарафҳо амал мекунад;
6.2. Шартнома метавонад, ки то анҷом ёфтани муҳлати уҳдадориҳоро иҷро намудани Тарафҳо қатъ карда шавад:
6.2.1. тибқи розигии хаттии Тарафҳо, дар ин маврид Фармоишгар/Бемор хароҷоти ба Иҷрокунанда расонидаашро пардохт менамояд;

6.2.2. яктарафа бо ташаббуси Фармоишгар/Бемор тавассути ба номи роҳбари муассиса навиштани ариза, дар ин маврид Фармоишгар/Бемор хароҷоти воқеии ба Иҷрокунанда расонидаашро пардохт менамояд;

6.2.3. яктарафа аз ҷониби Иҷрокунанда дар ҳолати аз ҷониби Фармоишгар/Бемор вайрон кардани уҳдадориҳои тибқи шартнома гирифтааш ва аз тарафи Иҷрокунанда номумкин будани иҷро намудани уҳдадориҳояш тибқи шартномаи мазкур, ки бо айби Истифодакунанда (Фармоишгар) рух додаанд, дар ин ҳолат ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ мувофиқи тартибот ва шартҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда сурат мегирад.

6.3. Дар ҳолати баъди имзо кардани шартнома аз хизматрасониҳои тиббӣ даст кашидани Истифодакунанда Шартнома бекор карда мешавад. Иҷрокунанда ба Фармоишгар/Бемор дар хусуси бо ташаббуси Истифодакунанда бекор кардани Шартнома хабар медиҳад, дар ин ҳолат Фармоишгар/Бемор ба Иҷрокунанда хароҷоти расонидаашро, ки тибқи шартнома ба иҷро намудани уҳдадориихояш вобастаанд, пардохт менамояд.

**7. Коркарди маълумотҳои шахсӣ**

7.1. Фармоишгар/Бемор мувофиқи талаботи банди 23 -и Конститутсияи ҶТ, моддаҳои 8 ва 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ аз 03.08.2018 с. № 1537 барои коркард дар ҶДММ «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ», (минбаъд-Оператор) маълумоти шахсии худ розигиашро медиҳад, ки аз инҳо иборат аст: ном, насаб, номи падар, суроғаи макони зист, маълимоти пурра оиди суғуртаи іатмњ ва ихтиёрии тибби, маълумотҳо дар бораи вазъи саломатӣ, бемориҳо, ҳолатҳои барои ёрии тиббӣ муроҷиат кардан- бо мақсади тиббӣ-профилактикӣ, бо мақсади гузоштани ташхиси тиббӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ, ба шарте, ки коркарди онҳоро шахсе анҷом диҳад, ки ба таври касбӣ ба корҳои тиббӣ машғул бошад ва сирри тиббиро махфӣ нигоҳ дошта тавонад.

7.2. Фармоишгар/Бемор ба корманди тиббӣ ҳуқуқ медиҳад, ки дар раванди аз тарафи Оператор расонидани ёрии тиббӣ, ки маълумотҳои дорои сирри махфии тиббӣ ва дигар кормандони расмии Оператор ҳастанд, ба манфиати таҳқиқ ва табобати худ, маълумотҳои шахсии Фармоишгар/Беморро бидиҳад.

7.3. Фармоишгар/Бемор ба Оператор хуқуқ медиҳад, ки бо маълумотҳои шахсии вай ҳамаи амалҳоро (ҷарроҳиҳоро), аз ҷумла ҷамъоварии онҳо, систематизатсия, захира ва ҳифз кардани онҳо, нав кардану тағйирот ворид кардан, истифода намудан, маҳдуд кардан, масдуд кардан, нест карданро анҷом диҳад. Оператор ҳуқуқ дорад, ки маълумотҳои шахсии Фармоишгар/Беморро тавассути ворид кардани онҳо ба пойгоҳи маълумотҳои электронӣ коркард намояд, онҳоро ба феҳрист (реестр) ва формаҳои ҳисоботдиҳии дар ҳуҷҷатҳо пешбинишуда, ки тартиби пешниҳод намудани маълумотҳои ҳисобот (ҳуҷҷатҳо)-ро муайян месозанд, коркард намояд.

7.4. Оператор ҳуқуқ дорад, ки дар доираи иҷрои уҳдадориҳои худ мубодилаи (қабул ва интиқол) маълумотҳои шахсии беморро бо истифода аз мошинаҳои интиқолдиҳанда ё роҳҳои алоқа, бо риоя намудани чорабиниҳои таъмин намудани онҳо аз дастрасии ғайриқонунӣ ба роҳ монад, ба шарте, ки қабул ва коркарди онҳоро шахсе анҷом диҳад, ки барои нигоҳ доштани сирри махфии касбӣ уҳдадор бошад. Муҳлати ҳифз кардани маълумотҳои Фармоишгар/Бемор ба муҳлати ҳифзи ҳуҷҷати аввалияи тиббӣ мувофиқат мекунад. Додани маълумотҳои шахсии Фармоишгар/Бемор ба дигар шахсҳо ва ё ошкор намудани онҳо танҳо бо розигии хаттии Фармоишгар/Бемор анҷом дода мешавад.

Розигии мазкурро ман санаи «____»__________ соли 20__сол додам ва бемуҳлат амал мекунад.

7.5. Фармоишгар/Бемор ҳуқуқ дорад, ки розигии худро бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки мумкин аст ба суроғаи Оператор тавассути почта бо мактуби фармоишӣ ва огоҳинома дар бораи супоридан ва ё шахсан бо навиштани забонхат ба намояндаи Оператор супорида шудааст, бозпас бигирад. Дар ҳолати аз Фармоишгар/Бемор дар бораи бо аризаи хаттӣ бозпас гирифтани розигиаш ҷиҳати коркарди маълумотҳои шахсӣ, Оператор уҳдадор аст, ки коркарди онҳоро дар давоми давраи вақти зарурии барои анҷом додани ҳисоббаробаркунии тарафайн оид ба пардохти ёрии тиббии то ин муддат ба Фармоишгар/Бемор расонидашуда, қатъ намояд.

**8. Ҳолатҳои иловагӣ**

8.1. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки ҳама баҳсҳо ва ихтилофҳои ба амаломадаи шартномаи мазкурро бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл намоянд. Тарафе, ки меҳисобад ҳуқуқҳояш риоя карда намешаванд, ҳуқуқ дорад, ки ба Тарафи дигар ба таври хаттӣ даъвои худро пешниҳод намояд. Тарафе, ки даъворо қабул кардааст, бояд дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи баъди қабул кардани даъво ҳатман ҷавоб гардонад. Дар ҳолати ҷавоб нагирифтан тарафи даъвогар метавонад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба суд муроҷиат намояд.

8.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхагӣ ба ҳарду тарафҳо дода мешавад, ки эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

8.3. Розигии Фармоишгар/Бемор барои гузаронидани хизматрасониҳои тиббӣ ва далели ин хизматрасониҳоро гирифтани вай ҳамзамон маънои розигии Фармоишгар/Бемор барои пардохт намудани ин хизматрасониро дорад.

8.4. Тамоми он чизҳои боқимонда, ки дар ин шартнома ба танзим дарварда нашудаанд, тибқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешаванд.

**9.Баррасии баҳсҳо**

9.1. Ҳама баҳсҳои оид ба шартномаро Тарафҳо кӯшиш мекунанд, ки ба таври созиш бо роҳи гуфтушунид ба танзим дароваранд. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид номумкин гаштани танзими баҳсҳо, онҳо мувофиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешаванд.

9.2. Ҳама гуна тағйиротҳои шартҳои Шартномаи мазкур ва тартиби қатъ кардани он бо роҳи розигии хаттии Тарафҳо муайян карда мешаванд.

**10.Реквизитҳои Тарафҳо:**

**Иҷрокунанда:**

ҶДММ «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ»
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни х. 50/51
РЯМ: 0110028820
РМА: 010105317
БИК 350101900
с/ҳ 20202972400042790001
БОНК ЧСК "Алиф Бонк"

**Фармоишгар/Бемор:**

Ному насаб: ____________________

Санаи таваллуд: ____________

Шиносномa: серия: , номер:

Суроғаи бақайдгирӣ:

____________________

**Администрато р** ____________________ ______________________________ / ___________________________________

**Ч.М.**

Сана: «__25__» __июля__ соли _2024

**Санад оиди хизматрасонии тиббӣ № ____________**

| № | Номгӯи хизматрасонӣ | Микдор | Нарх, сомонӣ. | Арзиш бо тахфиф | Дар маҷмуъ, сомонӣ. |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |

ҲАМАГӢ:.

Тахфиф:

Ҳамагӣ бо тахфиф:

Ҳамагӣ хизматрасонӣ ба андозаи ____________________________________ сомонӣ расонида шудааст.

**Иҷрокунанда:**
**ҶДММ «Ҷарроҳии чашм нигоҳ»**

____________________ Администратор ArchiMed+ ______________________

**Ҷ.М.**

**Фармоишгар/Бемор:**

______________________ / _______________

**РИЗОИЯТИ ОГОҲОНИДАШУДАИ ИХТИЁРӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛИЁТИ ТИББӢ**

*Ризоияти бемор барои амалиёти тиббӣ танҳо маънои амалӣ сохтани ҳуқуқи вай дар бораи гирифтани маълумот барои қабул кардани қарор дар бораи амалиётро дорад. Вай маънои аз масъулиятҳои бо таври номатлуб иҷро намудани хизматрасониҳо озод кардани иҷрокунандаи хизматрасониҳои тиббиро надорад.*

Ман, ________________________________________

(Ному насаби бемор)

ризоияти огоҳонидашудаи ихтиёрии худро барои намудҳои манипулятсия ва амалиётҳои тиббие медиҳам, ки дар Феҳристи намудҳои муайяни амалиётҳои тиббӣ дохил шудаанд ва дар онҳо шаҳрвандон ризоияти огоҳонидашудаи ихтиёрии худро ҳангоми интихоб кардани табиб ва муассисаҳои тиббӣ ҷиҳати гирифтани ёрии аввалияи тиббӣ-санитарӣ, мувофиқи моддаи 149-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷиҳати гирифтани ёрии аввалияи тиббӣ-санитарӣ дар ҶДММ «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ» медиҳанд.

Ба ман бо забони бароям дастрас мақсад, усулҳои расонидани ёрии тиббӣ, хатарҳои бо онҳо алоқаманд, оқибатҳои онҳо, аз ҷумла эҳтимоли пайдо шудани оризаҳо, инчунин натиҷаҳои интизории расонидани ёрии тиббиро фаҳмониданд.

Ман имконпазирии таъсирҳои манфӣ ва оризаҳои ба хусусиятҳои организмам алоқамандро дарк мекунам ва мефаҳмам, вақте ки хизматрасонӣ ба риоя кардани ҳама талаботҳои усулҳои ташхис, профилактика ва табобати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда анҷом дода шуда бошад, Иҷрокунанда барои пайдо шудан ва оқибатҳои онҳо масъул нест.

Ман дарк мекунам ва мефаҳмам, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин ман бояд тамоми таъинот, тавсияҳо ва маслиҳатҳои табиби ҶДММ «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ»-ро иҷро намоям.

Ман огоҳонида шудаам, ки аз хусуси бемориҳоям метавонам дар дигар муассисаҳои тиббӣ ёрии тиббиро бигирам ва ман розигии худро дар бораи дар ҶДММ «ҶАРРОҲИИ ЧАШМ НИГОҲ»-гирифтани хизматрасониҳои зикршудаи тиббӣ тасдиқ мекунам ва бартариҳои намудҳои хизматрасониҳоии тиббии бароям пешниҳодшударо мефаҳмам ва барои истифода намудани онҳо розӣ ҳастам.

Ба ман фаҳмониданд, ки ман метавонам аз як ё якчанд намуди хизматрасонӣ, ки дар Феҳрист оварда шудаанд, даст бикашам ва ё қатъ кардани он (онҳо)-ро талаб намоям, ба истиснои ҳолатҳои дар моддаи 149-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда.

Ман корманди тибро аз хусуси ҳама проблемаҳои ба саломатиям дахлдор, аз ҷумла дар бораи зуҳуроти аллергӣ ё таҳаммулнопазирии инфиродии доруҳо огоҳ кардам.

Маълумот дар бораи шахсони аз тарафи ман интихобшуда, ки мувофиқи моддаи 39-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо додани маълумотҳо дар бораи саломатии ман ва ё ҳолати шахсе, ки ман намояндаи қонунии он ҳастам (нолозимашро хат кашед):

________________________________________

(Ному насаби шаҳрванд, телефон барои тамос)

Ман тасдиқ мекунам, ки матни ин ризоияти огоҳонидашудаи ихтиёриро ман мутолиа кардам, далелҳои гирифтаам манро қаноатманд мекунанд, таъйиноти ин ҳуҷҷатро ман мефаҳмам.

| | |
|---|---|
| ____________________ | ____________________ |
| (имзо) | (Ному насаби шаҳрванд ё намояндаи қонунии шаҳрванд) |
| | ____________________ |
| (имзо) | (Ному насаби корманди тиббӣ) |

25 июля 2024 с.